**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич дар мавзӯи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Сабзавоткорӣ соҳаи баландтахассусёфта буда, самтҳои ҷудогонаи онро сабзавотпарварӣ дар майдони кушод ва пӯшида (гармхонаҳо), полезкорӣ, ҳамчунин тухмипарварии зироатҳои сабзавотию полезӣ ташкил мекунанд. Зироатҳои сабзавотӣ ва полезӣ, аз намуд, шакл, навъҳои зиёд ва узвҳои ғизоии гуногун иборат мебошанд. Барои ғизо дар шакли хом, бирён ё консервакардашуда истеъмол мешавад. Парвариши зироатҳои сабзавотӣ нисбатан заҳматталаб буда, дар ҷуякҳо, палҳо ва қаторҳо кишт карда мешаванд. Дар шароити гармхонаҳо кӯчат ва сабзавоти ғайримавсимӣ парвариш карда мешавад. Зироатҳои сабзавотӣ маҳсулоти ғизоии зарурие ба ҳисоб мераванд, ки фаъолияти мӯътадили ҳаётии организими инсонро таъмин менамояд.

Ғизои комилан арзишноки аҳолии мамлакат буда бе мавҷудияти намуду навъҳои сабзавот дар вояи хӯрокӣ, ки ба муддати дароз дар майдони кушод ва бо фарорасии давраи хунукӣ дар гармхонаҳо парвариш намудан мумкин аст, тасаввур кардан душвор аст. Бахри рушди ояндаи ин соҳа, пеш аз хама ба даст овардани навъҳои серҳосилу ба касалиҳо тобовар ва тезпази зироати бодиринг аҳамияти калон дорад. Бахри минбаъд баланд бардоштани ҳосилнокии зироати бодиринг омӯзиши корҳои илмию инноватсионӣ хело зарур дониста мешаванд. Бинобар ин унвонҷӯй Миралиев И.Р. кори илмии хешро ба омӯзиш ва парвариш навъҳои сермаҳсули бодиринг дар шароити минтақаи Данғара бахшидааст. Аҳамияти амалии натиҷаи ин таҳқиқот руйёнидани ҳосили баланди ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ инчунин дар як сол гирифтани ду ҳосил ба шумор меравад. Дар ин раванд унвонҷу чунин масъалаҳои муҳимро, аз қабили интихоби навъҳои серҳосили бодиринг, ки барои қонеъ намудани талаботи аҳоли зарур мебошад, омӯхта аст.

қабулшуда барои шароити Тоҷикистон мувофиқи тавсияномаи соли 1982 гузаронида шудааст.

Инчунин ӯ ҳисоби обталабӣ ва меъёри обмонии бодирингро бо усулҳои замонавии барномаи компютерии Кропват, ки аз ҷониби ФАО тавсия шудааст ва асоси онро формулаи Пенман-Монтейтро ташкил медиҳад муайян намудааст. (http://www.fao.org/landandwater/aglw/cropwat.stm).

$$ETo = \frac{0,408\Delta(R_n - G) + \gamma\frac{900}{T+273}u_2(e_s - e_a)}{\Delta+\gamma(1+0,34u_2)}$$

Аз ин рӯ мавзуи кори дар иҷрои унвонҷӯи кафедраи меваю сабзавот ва токпарварии факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Миралиев И.Р., саривақтӣ ва актуалӣ буда, дар раванди боз ҳам бой ва ғанӣ гардониданӣ истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон роли мӯҳимро мебозад.

Муаллиф аз уҳдаи иҷрои мақсад ва вазифаҳои дар пешмондаи таҳқиқот бомуваффақона баромадааст. Ба автореферати диссертатсия эрод надорам.

Кори ба анҷом расонидаи Миралиев И.Р., дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон», ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич, барои ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**


Дотсенти кафедраи саноати сабук ва маводи хурокаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб,
номзади илмҳои кишоварзӣ И. Раҷабов

Имзои Раҷабов И.Ҳ-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории ДТМИК Қ. Шокиров

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРГУЗОРӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ И ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА

24.05.2024

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад,
Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб
E-mail: dtmik@list.tj
Телефон: 8332221367